# Осиёи Марказӣ: дирӯз, имрӯз, фардо

**Чуноне ки пештар хабар дода будем, бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ охири моҳи декабри соли гузашта саммити сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Тошканд ба амал омада, дар рафти гуфтушунидҳо Президенти Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ, Президенти Қирғизистон Аскар АКАЕВ, Президенти Қазоқистон Нурсултон НАЗАРБОЕВ, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОНОВ масъалаи рушди муносибатҳои дуҷониба ва дигар масъалаҳоеро мавриди муҳокима қарор доданд, ки ҷонибҳо ба он майлу шавқи калон доштанд.**

Ҳангоми гуфтушуниди ҳайатҳои вакилони расмӣ бо таркиби васеъ оид ба масъалаҳои ҳамкории серҷониба, таъмини мӯътадилӣ ва амният дар минтақа мубодилаи афкор ба амал омад.

Ба он муносибат, ки саммити Тошканд дар арафаи Соли нави 2002 гузаронда мешуд, Президент Ислом Каримов тамоми иштирокдорон ва дар шахсияти онҳо халқҳои давлатҳои ҳамсояро бо ин сана аз самими қалб муборакбод намуда, дархостҳои беҳтаринашро изҳор намуд.

Сарвари мамлакатамон зикр намуд, ки марҳилаи масъулиятнок — даҳсолагии ҳосил шудани истиқлоли давлатии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти калони таърихиро дорад. Ҷоиз аст қайд намоем, ки маҳз дар натиҷаи корҳое, ки дар бадали даҳ сол ба иҷро расонда шуданд, ҷамоҳири мазкури Осиёи Марказӣ ҳоли ҳозир иштирокдорони фаъоли низоми байналхалқии сиёсӣ ва иқтисодӣ гардиданд. Дар мамлакатҳои мо асоси нави ҷамъият ба вуҷуд оварда шуд. Ба туфайли муносибатҳои шахсии дӯстонаи президентҳо, сиёсати оқилона, қаробати халқҳоямон ҳар гуна низоъҳо пешгирӣ карда шуданд, анъаноти ҳамсоягии нек рушд меёбад. Ниятҳои ғаразноки қувваҳои ифроткор дар бобати вайрон кардани муносибатҳои байни мамлакатҳои минтақа ҷомаи амал напӯшид. Чуноне ки иштирокдорони саммит изҳор карданд, дар бадали даҳ соли сипаришуда ягон норозигӣ ба амал наомад ва бо он фахру ғурур кардан месазад.

Саммити навбатии сарони давлатҳо дар марҳилаи дигаргунсозиҳои куллӣ дар ҷаҳон ба амал омад. Воқеияти нав рушди ҳамаҷонибаи минбаъдаи ҳамкориро тақозо дорад. Ба ҳамин муносибат Ислом Каримов таклифи мубаддал сохтани Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказиро ба «Ташкилоти ҳамкории Осиёи Марказӣ» пеш гузошт. Ва ташкилоти нав на танҳо бо масъалаҳои иқтисодӣ шуғл меварзад, балки вазифаҳои вусъати ҳамаҷонибаи шарикиро байни мамлакатҳои минтақа ҳаллу фасл мекунад. Иштирокдорони саммит таклифи сарвари давлатамонро якдилона пазируфтанд.

Ба мақсади фароҳам овардани имкониятҳои нав баҳри рушди минбаъдаи ҳамкории иқтисодӣ Ислом Каримов таклиф пеш гузошт, ки дар Тошканд конфронси тадбиргарони Осиёи Марказӣ гузаронда шавад. Таклифи мазкур низ пазируфта шуд.

Дар гуфтушунидҳо ҳамчунин зикр ёфт, ки равобит дар соҳаи фарҳангу санъат мувофиқи дараҷаи талаб нест. Дар ин бобат вақтҳои охир ягон тадбири хотирнишин гузаронда нашудааст. Нурсултон Назарбоев таклиф пеш гузошт, ки дар оғози соли нави 2002 дар Қазоқистон даҳаи фарҳанги Ӯзбекистон гузаронда шавад.

Ҷониби Ӯзбекистон якчанд таклифро оид ба масъалаҳои кооператсияи истеҳсолӣ, шарикии бевоситаи хоҷагидорӣ, истифода бурдани коммуникатсияҳои нақлиётӣ, захираҳои обу барқ, ҳифзи муҳити атроф, пешгирӣ кардани офатҳои табиӣ пеш гузошт ва онҳо аз тарафи меҳмонон маъқул дониста шуданд.

Меҳмонон оид ба рушди шарикӣ дар соҳаи ҳарбиву техникӣ ва вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи иттилоот ташаббусҳои худро баён карданд.

Дар гуфтушунидҳо муносибати ягонаи ҷонибҳо нисбати воқеаҳои Афғонистон баён гардид. Президентҳои мамлакатҳои минтақа тайёр будани худро дар бобати ҷонибдорӣ кардани ҳукумати муваққатии Афғонистон таҳти сарпарастии Ҳамид Карзай ва расондани кӯмак дар давраи азнавбарқароркунии баъди ҷанг баён сохтанд.

Дар фарҷоми гуфтушунидҳо Изҳороти тошкандии сарони давлатҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, Ҷумҳурияти Қазоқистон, Ҷумҳурияти Қирғизистон ва Ҷумҳурияти Тоҷикистон ба имзо расид.

Нишасти матбуотӣ барои намояндагони воситаҳои ахбори оммавии маҳаллӣ ва хориҷӣ ба амал омад. Дар он президентҳо дар бораи натиҷаи гуфтушунидҳо нақл карда, халқҳои минтақаро бо Соли нави фарорасидаистода бори дигар муборакбод намуданд ва дархостҳои самимонаи худро баён сохтанд.

Бо ҳамин саммити сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба анҷом расид. Баъд иштирокдорони саммит аз Маҷмӯи ёдгории қурбоншудагони қатағон дидан карда, ба қабри рамзии ҳамватанонамоне гулдастаҳо гузоштанд, ки ба хотири озодии Ватан ҷони хешро нисор карданд. Онҳо ҳамчунин Касри шиноварӣ ва Бизнес-марказро дар мавзеи Юнусобод тамошо карданд.

# Маҷлиси Маҷмӯи иҷтимоӣ

**Маҷлиси Маҷмӯи иҷтимоии Девони Вазирон ба амал омада, дар он рафти иҷрои қонунҳо дар бораи забони давлатӣ ва дар бораи ҷорӣ кардани алифбои ӯзбекӣ, ки асосашро ҳуруфи лотинӣ ташкил медиҳад, дар низоми Кумитаи давлатии андоз ва вилояти Қашқадарё мавриди муҳокима қарор гирифт. Ҳамчунин натиҷаҳои фаъолияти Кенгаши мутобиқгар оиди корҳои маърифатӣ ва таблиғи мафкуравӣ, Кенгаши оид ба маънавият ва маърифат, Комиссияи миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба корҳои ЮНЕСКО баррасӣ гардиданд.**

Дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазир Ҳ.Кароматов гузашт, сарварони вазорату кумитаҳои дахлдор, идораву ташкилотҳо, ҷонишини Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҷонишинони ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок намуданд.

Оид ба масъалаҳои рӯзномаи кор котиби масъули Кенгаши ҷумҳурии маънавият ва маърифат А.Болиев, раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот Ӯ.Ҳошимов, котиби масъули Кенгаши мутобиқгар оид ба корҳои маърифатӣ ва таблиғи мафкуравӣ Р.Қӯчқоров, ҷонишини аввали раиси Ширкати телевизиону радиои ҷумҳурӣ Н.Маҳмудов, директори Пажӯҳишгоҳи таърихи ФУ Ӯзбекистон Д.Алимова, ҷонишини аввали вазири фарҳанг Э.Эрназаров, котиби масъули Комиссияи миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба корҳои ЮНЕСКО А.Икомов ва дигарон маълумот доданд.

Дар маҷлис зикр ёфт, ки дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ва иқтисодии мамлакатамон, махсусан ҳаёти маънавӣ, соҳаҳои мафкуравӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов комёбиҳои калон ба даст омад. Дар Соли модар ва фарзанд корҳои доманадор дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба вуҷуд овардани тарзи солими ҳаёт, собитқадамона амалӣ гардондани Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, ҳамчунин такмили минбаъдаи тарбияи маънавиву мафкуравӣ ва дараҷаи фарҳанги аҳолӣ ба иҷро расонда шуданд. Оқибат, дар шуури тамоми табақаҳои ҷамъият, алалхусус ҷавонон, бештар ҳисси эҳтиром нисбати афкору мафкуравӣ, арзишҳои миллӣ, эътимод нисбати истиқлолият ва оянда, қаноатмандӣ аз натиҷаҳои меҳнати хеш мустаҳкам ҷойгир мешавад.

Чунин тағйиротҳои мусбӣ дар шуури шаҳрвандонамон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳам эътироф карда мешавад. Ба он мисоли равшан шуда далели мазкур, яъне Комиссияи миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба корҳои ЮНЕСКО бо мукофоти махсус барои ҳиссагузориаш дар рушди таълим дар роҳи фарҳанги ҷаҳонӣ тақдир гардиданаш хизмат мерасонад, ки ташкилоти мазкури баобрӯи байналхалқӣ таъсис карда буд.

Бояд махсусан зикр намуд, ки равобити мо ба ташкилоти мазкури байналхалқӣ сол то сол мустаҳкам мегардад. Ба он далели мазкур ҳам мисоли равшан шуда метавонад: ба рӯйхати ҷашнҳои ЮНЕСКО соли 2002 қайд намудани 2700 солагии Шаҳрисабз, соли 2003 бошад, гузарондани ҷашни 900-солагии зодрӯзи олими бузург Абдухолиқи Ғиҷдувонӣ дохил гардидаанд.

Дар айни замон дар маҷлис диққату эътибор ба як қатор камбудиҳое, ки дар соҳаҳои ҷудогона рух додаанду онҳо ба маҷмӯи иҷтимоӣ шомиланд, ҷалб гардид. Оид ба барҳам задани онҳо супоришҳои махсус дода шуданд.

**Ӯктам ДӮСТЁР,**
**мухбири ЎзА.**

# Изҳороти тошкандии

## сарони давлатҳои Ҷумҳурияти Қазоқистон, Ҷумҳурияти Қирғизистон, Ҷумҳурияти Тоҷикистон ва Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Сарони давлатҳои Ҷумҳурияти Қазоқистон, Ҷумҳурияти Қирғизистон, Ҷумҳурияти Тоҷикистон ва Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муаммоҳои умдаи рушди минтақавӣ ва сиёсати байналхалқиро муҳокима намуда, ба муносибатҳои анъанавии дӯстиву ҳамсоягии нек, умумияти таърихӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ такя намуда,

бо назардошти амалияи ба амаломадаи муколамаи сиёсӣ ва дараҷаи ҳосилшудаи ҳамкории минтақавӣ,

аҳамияти муносибатҳои ба ҳамдигар муфиди Ҷумҳурияти Қазоқистон, Ҷумҳурияти Қирғизистон, Ҷумҳурияти Тоҷикистон ва Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро баҳри таҳкими мӯътадилӣ дар минтақа ва амнияти байналхалқӣ зикр карда,

вазъи мунтазам дар минтақа ва атрофи он тағйирёбандаро ба диққату эътибор гирифта,

ташвишу изтироби худро ба таҳдидҳое, ки аз ҷониби терроризми байналхалқӣ, экстремизми сиёсӣ ва динӣ, таҷовузи нашъамандӣ, ҷинояткории муташаккили байнисарҳадӣ дар бобати амнияти минтақавӣ ва байналхалқӣ ба амал меоянд, ифода намуда,

муҳим будани оқилона ва ба ҳамдигар муфид истифода бурдани захираҳои обу барқ, коммуникатсияҳои нақлиётӣ ва нерӯи мавҷудаи иқтисодии минтақаро эътироф намуда, ба минбаъда амиқ гардидани ҳамкорӣ байни давлатҳои минтақа, ки асосашро ҳамдигарфаҳмӣ ва фоидаи байниҳамдигарӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо ташкил медиҳад, аҳамияти махсус дода,

чунин изҳор мекунанд:

1. Сарони давлатҳо тасдиқ менамоянд, ки ҳамкории ба ҳамдигар муфид дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илму техника, фарҳанг ва дигар соҳаҳо, ҳамчунин амалиёти мутақобилаи зич дар арсаи байналхалқӣ ба манфиатҳои миллии тамоми мамлакатҳои минтақа ҷавобгӯст ва дар бобати ҷонибдории сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ дар доираи минтақавӣ ва умумбашарӣ нақши муҳим мебозад.

Сарони давлатҳо зикр мекунанд, ки дар маҷрои тамоили умумиҷаҳонӣ амиқ гардондани равобити серҷониба ба мадад расондан барои баланд бардоштани сатҳи зиндагонии халқҳои онҳо даъват гардидааст.

Сарони давлатҳо таъкид менамоянд, ки самти асосии бартариноки амалиёти мутақобилаи мамлакатҳои минтақа бояд ҳамкории иқтисодии ба ҳамдигар муфид гардад.

2. Сарони давлатҳо зарурати рушди минбаъдаи ҳамаҷониба ва ба ҳамдигар муфиди муносибатҳои иқтисодиро зикр намуда, ба ҳукуматҳои худ супориш доданд, ки амалиёти мутақобиларо дар ҳамаи дараҷаҳо ба мақсадҳои зерин пурзӯр гардонанд:

дар амал истифода бурдани нерӯи истифодабурдананашудаи ҳамкории иқтисодӣ, ба рушди минбаъдаи он бахшидани такони нав;

таҳияи шаклу механизмҳои босамари ба рӯи об баровардани аҳду паймонҳои ҳосилшуда, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои дуҷонибаву серҷонибае, ки дар соҳаи ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ байни давлатҳои минтақа ба имзо расидаанд.

3. Сарони давлатҳо дар ин бобат эътимод доранд, ки арзи амали мувофиқгардондашудаву ризомандгардида дар соҳаи оқилонаву ба фоидаи ҳамдигарӣ истифода бурдани иншооти об, захираҳои обу барқ ва иншоотҳои хоҷагии оби Осиёи Марказӣ дар пойгоҳи усулиятҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофгардидаи ҳуқуқҳои байналхалқӣ ҳамчун асос барои босамар истифода бурдани нерӯи мавҷудаи кишоварзӣ ва барқии давлатҳо ба хотири фаровонии халқҳои минтақа хизмат мерасонад.

Сарони давлатҳо ба ҳукуматҳои худ супориш доданд, ки суръати корҳоро оид ба такмил додани механизми байнидавлатҳо истифода бурдани захираҳои обии байнисарҳадӣ баланд бардоранд.

4. Сарони давлатҳо зикр менамоянд, ки амалиёти мутақобила оид ба ташкил кардани инфрасохтори умумӣ, дар навбати аввал муттаҳид сохтани низоми нақлиётӣ ва барқӣ ба мақсади баромадан ба бозори беруна яке аз самтҳои устувори ҳамкории серҷониба ба ҳисоб меравад. Сарони давлатҳо зарурати бечуну чаро иҷро кардани созишнома ва шартномаҳои пештар ҳосилшударо дар соҳаи боркашонии байналхалқӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан зикр намуда, ҳамчунин самтҳои мушаххаси ҳамкории минбаъдаро оид ба баланд бардоштани босамарии низоми амалкардаистодаи нақлиётиву коммуникатсионии «Аврупо-Қафқоз-Осиё» муайян сохтанд.

Сарони давлатҳо муҳим будани ба рӯи об баровардани сиёсати ризомандгардидаи тарифиро дар ҳамаи намудҳои боркашонии нақлиёти автомобилӣ дар доираи шабакаи нақлиётии Транскафкоз-Аврупову Осиё (ТРАСЕКА) эътироф намуданд.

5. Сарони давлатҳо муҳим будани баанҷомрасонии раванди аз нигоҳи ҳуқуқӣ расмӣ гардондани убури хатти сарҳади давлатиро байни давлатҳои худ дар пойгоҳи меъёр ва усулиятҳои ҳуқуқи байналхалқӣ зикр менамоянд.

Сарони давлатҳо дар ин бобат якфикранд, ки сарҳадҳо байни мамлакатҳои минтақа ҳамчун сарҳади сулҳу осоиш, дӯстӣ ва ҳамсоягии нек буду ҳамин тавр шуда мемонад.

6. Сарони давлатҳо оғози раванди танзими сиёсии муаммои Афғонистонро мусбӣ арзёбӣ карда, ҷонибдорӣ кардани маъмурияти муваққатии Афғонистонро таҳти сарпарастии Ҳ.Карзай, саъю кӯшиши СММ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ баён мекунанд, ки ба ҳаллу фасли вазифаҳои барқароркунии мамлакат баъди ҷанг нигаронда шудааст.

Муносибатҳои анъанавии ҳамсоягии некро байни халқҳои Осиёи Марказӣ ва халқи Афғонистон, умумияти таърихӣ ва фарҳангии онҳоро ба диққату эътибор гирифта, сарони давлатҳо тайёр будани худро дар бобати расондани кӯмаки инсонпарварона ва дигар кӯмак ба халқи Афғонистон дар бобати сохтани давлати наву демократие баён сохтанд, ки дар муҳити сулҳу салоҳ ва созгорӣ бо ҳамсоягони худ ҳаёт ба сар мебараду ҳамгароиро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо мекунад.

7. Сарони давлатҳо бо ташвишу изтироб афзудани шиддатнокиро дар муносибатҳои байни Ҳиндустон ва Покистон баён мекунанд. Сарони давлатҳо амалиёти ба қарибии террористиро ба парлумони Ҳиндустон, ки боиси курбониён гардид, сахт маҳкум намуда, сарони Ҳиндустон ва Покистонро даъват мекунанд, ки оқилиро дар давлатдорӣ зоҳир кунанд, аз андешидани тадбирҳои қатъӣ худдорӣ кунанд ва муаммои мавҷударо бо воситаҳои сиёсӣ танзим гардонанд.

Сарони давлатҳо ба рушд ва таҳким ёфтани муносибатҳои ҳамсоягии нек байни Ҳиндустон ва Покистон дар пойгоҳи дарозмӯҳлат изҳори умедворӣ мекунанд, ки ба манфиатҳои таъмини амнияту мӯътадилӣ дар минтақа ҷавобгӯ мебуд.

8. Сарони давлатҳо ба таъмини амният ва мӯътадилӣ дар минтақа аҳамияти устувор дода, ба ҳамин мақсад тамоми саъю кӯшиши зарурии муштаракро дар доираи Шартнома дар бораи амалиётҳои мутақобила ба муқобили терроризм, экстремизми сиёсӣ ва динӣ, ҷинояткории муташаккили байнисарҳадӣ ва дигар таҳдидҳо ба амният ва мӯътадилии ҷонибҳо аз 21 апрели соли 2000, ҳамчунин дигар аҳду паймонҳо ба ҷо меоваранд.

Сарони давлатҳо иқдоми ҷомеаи ҷаҳониро дар бобати ба вуҷуд овардани низоми умумбашарии муқовимат нишон додан ба терроризми байналхалқӣ, экстремизм, таҷовузи нашъамандӣ ва дигар шаклҳои ҷинояткории муташаккил хайра мақдам мегӯянд.

9. Сарони давлатҳо зарурати вусъат додан ва амиқ гардондани амалиётҳои мутақобиларо дар соҳаҳои фарҳангу гуманитарӣ ҳамчун омили муҳими таҳкими ҳамкорӣ ва ҳамсоягии неки мамлакатҳо ва халқҳои Осиёи Марказӣ зикр мекунанд.

10. Сарони давлатҳо ба мақсади пешрафту диверсификатсияи минбаъдаи муколамаи сиёсӣ, такмил додани шаклу механизмҳои ҳамгароии иқтисодии минтақавӣ, амиқгардонии ҳамдигарфаҳмӣ оид ба масъалаҳои ба вуҷуд овардани масоҳати ягонаи амният, таҳияи саъю кӯшиши муштарак оид ҷонибдории сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ дар минтақа фикри худро дар бобати пурзӯр гардондани ҳамкории серҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, илму техникӣ, муносибатҳои фарҳангиву гуманитарӣ баён сохта, қарор медиҳанд, ки Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказӣ ба Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» мубаддал ёбад.

11. Сарони давлатҳо ба ҳукуматҳои худ супориш медиҳанд, ки ҳамаи масъалаҳои алоқаманди мубаддал сохтани Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказиро ба Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ», аз он ҷумла масъалаи мақоми ҳуқуқии ташкилоти нав, ҳуҷҷатҳои оинномавӣ, инвентаризатсияи заминаи шартномавиву ҳуқуқии Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказиро ба ворисии ӯҳдадориҳои ҷонибҳо, ки аз ҳуҷҷатҳои ҷории байналхалқиву ҳуқуқии Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказӣ ва дигар ҷиҳатҳо бармеоянд, дида бароянд ва таклифи дахлдорро ба баррасии сарони давлатҳо пешкаш кунанд.

12. Сарони давлатҳо зикр мекунанд, ки гуфтушунидҳои конструктивие, ки дар муҳити рушодгӯӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ гузашт, ба рушди минбаъдаи муносибатҳои анъанавии ҳамсоягии нек ва ҳамкории ба ҳамдигар муфиди давлатҳои Осиёи Марказӣ саҳми калон гузоштанд.

Сарони давлатҳо ба он ризоияти худро баён мекунанд, ки мулоқотро дар шакли ба амаломада идома медиҳанд ва барои пазироии гарму ҷӯшону хушу хурсандонае, ки Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.А.Каримов дар сарзамини меҳмоннавози ӯзбек зоҳир кард, миннатдории худро баён мекунанд.

**Президенти Ҷумҳурияти Қазоқистон Н. НАЗАРБОЕВ.**
**Президенти Ҷумҳурияти Қирғизистон А. АКАЕВ.**
**Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Э. РАҲМОНОВ.**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И. КАРИМОВ.**
шаҳри Тошканд,
28 декабри соли 2001.

# Арчаи Президент



**Дар мамлакатамон бисёр иду ҷашнҳо қайд гирифта мешаванд. Вале дар байни онҳо ба қайди Соли нав диққату эътибори махсус дода мешавад. Махсусан Соли навро бачагон бесаброна мунтазир мешаванд. Ва аллакай даҳ сол боз дар мамлакатамон як одате ҳукми анъанавӣ пайдо кардааст, ки он бо гузарондани Арчаи Президент алоқаманд мебошад.**

Аз дақиқаҳои аввали субҳи 29 декабр дар Театри академии миллии Ӯзбекистон суруду оҳангҳои ҷозибадор ба гӯш расиданд. Ба ин ҷо тарбиягирандагони хонаҳои меҳрубонӣ, бачагон аз оилаҳои камбисот ва сербача даъват гашта буданд. Баъди баланд садо додани оҳангҳои шавқбахшу сурудҳои сершумор бачагон дасти якдигарро гирифта, дар атрофи Арчаи бузург давр заданд.

Ба он муносибат, ки Соли нави 2002 дар мамлакатамон Соли эъзози кӯҳансолон эълон гардидааст, иди мазкур бо дуои неки кӯҳансолон сар шуд. Онҳо даст ба рӯ бурда, барои ободонии ватан, ҳаёти осоиштаву мӯътадилии халқамон, барои ғамхории пайваста дар бобати тарбияи авлоди баркамол ба сарвари давлатамон умри дароз ва тани сиҳҳати мустаҳкам талабиданд.

Тадбири Арчаи Президентро Раиси Бунёди хайроти ҷумҳурии «Маҳалла» Шӯҳрат Ҷалилов кушода, дар ин бобат нақл кард, ки рӯҳи махсус ва дараҷаи баланди тантанаи идонаро акси равшани ғамхорӣ дар хусуси авлоди наврас ва саховатпешагии Президент ташкил медиҳад.

Ба зиёда аз панҷоҳ ҳазор нафар бачагон тӯҳфаҳо аз номи Президент супурда шуд. Бахшида ба иди мазкур намоишномаи махсуси театрикунондашуда таҳти унвони «Афсона ба некӣ даъват мекунад» таҳия гардидааст, ки дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва ҳамаи вилоятҳо намоиш дода мешаванд. Дар тадбирҳои идона ситораҳои эстрада, аҳли ҷамоати эҷодии «Тамошо» ва ҳунарварони ансамбли «Баҳор» иштирок намуданд.

Мо ба баъзе иштирокдорони тадбири мазкур мусоҳиб гардидем. Аз он ҷумла онҳо чунин изҳор карданд:

**Элмурод НАБИЕВ — тарбиягирандаи хонаи рақами 23-уми меҳрубонии шаҳри Тошканд:**

— Ман бори аввал дар чунин тадбир иштирок дорам. Дӯстонам ҳамеша Арчаи Президентро ҳамду сано мехонданд. Дар асл ҳамин тавр будааст. Тӯҳфаи ман нисбати чашмдоштам ҳам беҳтар буд.

**Юля ЕРМИЛОВА — тарбиягирандаи хонаи рақами 24-уми меҳрубонии шаҳри Тошканд:**

— Ман бори панҷум дар чунин тадбир иштирок дорам. Ва иди мазкур ба ҳамаи бачагон маъқул аст. Махсусан аз номи Президент тӯҳфа гирифтан ба мо, бачагон хушу хурсандии калон мебахшад. Мо барои чунин ғамхорӣ аз сарвари давлатамон миннатдор ҳастем.

Дар шаҳри Нукус низ бахшида ба супурдани тӯҳфаҳои Президент тадбир дар гирди Арчаи Президент ба амал омад. Дар он тарбиягирандагони хонаи рақами якуми меҳрубонии ноҳияи Ҳоҷайлӣ иштирок намуданд. Дар он раиси Жуқорги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон Т.Камолов иштирок намуда, тӯҳфаҳои Президентро ба бачагон супурд.

Чунин тадбирҳо дар ҳамаи вилоятҳо ба амал омада, дар гирди Арчаи Президент ба бачагон тӯҳфаҳои сарвари давлатамон супурда шуданд.

Бобои барфӣ ва духтари барфӣ дар барномаҳои идона иштирок намуда, барои бачагон дар гузоштани таассуроти амиқе саҳм гирифтанд.

**(Аз рӯи хабарҳои мухбирони «Овози тоҷик» ва оҷонсиҳои иттилоотӣ таҳия гардидааст).**

# Изҳороти муштараки

## Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.А.КАРИМОВ ва Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Э.Ш.РАҲМОНОВ

27-28 декабри соли 2001 мувофиқи таклифи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бо сафари расмӣ меҳмон шуд.

Масъалаҳои рушди муносибатҳои байни Ӯзбекистону Тоҷикистон, муаммоҳои умдаи байналхалқӣ ва минтақавиро ҳамаҷониба муҳокима намуда, рӯҳи муколамаи конструктивӣ ва ҳамдигарфаҳмиро дар рафти гуфтушунидҳои ба амал омада воло арзёбӣ карда, муҳим будани минбаъда амиқ гардондани ҳамкориро байни ду давлат эътироф намуда, ки асосашро манфиатҳои умумӣ ва амалиёти ризомандгардида дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо ташкил медиҳад, нуктаҳои Шартномаро дар бораи дӯстии абадӣ байни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷумҳурияти Тоҷикистон аз 15 июни соли 2000, ки дар кори рушди минбаъда ва таҳкими муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамсоягии нек аҳамияти калон дорад, ба роҳбарӣ гирифта, бо назардошти умумияти таърихӣ ва фарҳангии халқҳои ду мамлакат,

воқеияти нави сиёсӣ ва иқтисодии ду минтақа ба амал омада, ҳамчунин тағйиротҳоро дар ҷаҳон ба диққату эътибор гирифта,

ҷонибҳо чунин изҳор мекунанд:

1. Президентҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷумҳурияти Тоҷикистон садоқатмандии тағйирнаёбандаи худро оиди рушди ҳамкории серҷониба байни ду давлат дар пойгоҳи усулияти баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилаи якдигар, кӯмаки байниҳамдигарӣ, эҳтироми соҳибихтиёрӣ, якпорчагии ҳудуд, танзими осоиштаи баҳсу мунозираҳо, дар рӯҳи дӯстии анъанавӣ байни халқҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон тасдиқ менамоянд.

Сарони давлатҳо мавҷуд будани имкониятҳои васеъро баҳри минбаъда вусъат додани ҳамкории байнидавлатӣ дар ҳамаи соҳаҳо зикр мекунанд, ки омили муҳими амният ва мӯътадилӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад.

Сарони давлатҳо тайёр буданро дар бобати дар дараҷаҳои мухталиф гузарондани машварат оид ба масъалаҳое баён месозанд, ки майлу шавқи байниҳамдигарӣ доранд.

2. Ба таъмини амният ва мӯътадилӣ дар минтақа аҳамияти муҳим дода, сарони давлатҳо умда будани рушду амиқгардонии минбаъдаи ҳамкориро дар соҳаи мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ, таҷовузи нашъамандӣ ва дигар зуҳуроти ҷинояткории муташаккил дар пойгоҳи дуҷонибаву серҷониба тасдиқ менамоянд.

3. Президентҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷумҳурияти Тоҷикистон муҳим будани идома додани раванди делимитатсияи сарҳадҳои давлатиро байни ду мамлакат тасдиқ карда, зикр менамоянд, ки гуфтушунидҳо оид ба аз нигоҳи ҳуқуқӣ расмӣ гардондани убури ҳатти сарҳади давлатӣ байни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷумҳурияти Тоҷикистон дар рӯҳи конструктивӣ, дар пойгоҳи меъёр ва усулиятҳои ҳуқуқҳои байналхалқӣ ва амалияи ҷаҳонӣ мегузарад. Онҳо қаноатмандии худро аз рафти раванди гуфтушунидҳо дар ин самт баён сохта, тарафдори тезтар ба фарҷом расидани он мебошанд.

Сарони давлатҳо дар ин бобат якфикранд, ки сарҳад байни ду давлат сарҳади сулҳу осоиш ва ҳамсоягии нек буду мемонад, ки халқҳои бародари ду давлатро муттаҳид месозад ва тарафдори гузарондани арзи амали муштараки мувофиқгардондашудаи мақомоти ҳифзи қонуну тартибот, сарҳадбон, гумрук ва умури махсуси ду мамлакат оид ба таъмини назорати зарурӣ дар сарҳади давлатии байни Ӯзбекистону Тоҷикистон мебошанд.

4. Президентҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷумҳурияти Тоҷикистон тайёр будани худро дар бобати ҷонибдории ҳамаҷонибаи оғози раванди осоиштагӣ дар Афғонистон, сохтани давлати навшудаи демократӣ баён мекунанд, ки дар муҳити сулҳу салоҳ ва созгорӣ бо ҳамсоягони худ ва умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳаёт ба сар мебарад.

5. Президентҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷумҳурияти Тоҷикистон ба вусъату амиқгардонии равобити ба ҳамдигар муфиди иқтисодӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода, рушди равобити сарҳадии тиҷоративу иқтисодиро хайрамақдам мегӯянд ва ба ҳукуматҳои ду давлат андешидани тадбирҳоро оид ба такмил додани асосҳои ҳуқуқии рушду таҳкими минбаъдаи он месупоранд.

6. Ба мақсади минбаъда амиқгардонии ҳамкории дуҷониба сарони давлатҳо ба ҳукуматҳои худ супориш доданд, ки Комиссияи муштараки байниҳукуматиро оид ба ҳамкорӣ байни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷумҳурияти Тоҷикистон созмон диҳанд ва дар вақтҳои наздик маҷлиси аввалини онро гузаронанд.

7. Сарони давлатҳо зикр менамоянд, ки амалиёти мутақобила дар соҳаи коммуникатсияи нақлиётӣ яке аз самти устувор дар муносибатҳои дуҷониба мебошад ва самтҳои ба ҳамдигар муфиди ҳамкории минбаъдаро дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ ва дигар намудҳои нақлиёт муайян карданд.

8. Президентҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷумҳурияти Тоҷикистон зарурати арзи амали мувофиқу ризомандгардидаро дар соҳаи оқилона ва муштаракан истифода бурдани обектҳои об, захираҳои обу барқ ва иншоотҳои хоҷагии об дар пойгоҳи усулиятҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофгардидаи ҳуқуқҳои байналхалқӣ зикр менамоянд.

9. Сарони давлатҳо муҳим будани ҳамкориро дар соҳаи гуманитарӣ, аз он ҷумла илм, фарҳанг, таълим, амалиёти мутақобила дар соҳаи иттилоот зикр менамоянд.

Ба ҳукуматҳо супориш дода шуд, ки равобитро байни марказҳову ташкилотҳои дахлдори фарҳангӣ, таълимӣ ва илмии ду давлат пурзӯр гардонда, корро оид ба вусъат додани заминаи шартномавиву ҳуқуқии ҳамкории гуманитарӣ давом диҳанд.

Ба мақсади рушди минбаъдаи муовизаи байниҳамдигарии фарҳангӣ ва иттилоотӣ сарони давлатҳо зарурати тезтар ҳаллу фасл кардани масъалаи ташкили намоиш додани барномаҳои Ширкати телевизиони Ӯзбекистонро дар ҳудуди Ҷумҳурияти Тоҷикистон ва Ширкати телевизиони Тоҷикистонро дар ҳудуди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон зикр менамоянд.

10. Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов барои пазироии гарму ҷӯшон, ки Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.А.Каримов, ҳукумат ва халқи Ӯзбекистон зоҳир кард, миннатдорӣ изҳор намуд ва таклиф кард, ки И.Каримов бо сафари расмӣ дар Ҷумҳурияти Тоҷикистон меҳмон гардад. Таклиф бо мамнуният пазируфта шуд. Мӯҳлати сафар тавассути шабакаҳои дипломатӣ муайян карда мешавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ.**
**Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОНОВ.**
шаҳри Тошканд, 27 декабри соли 2001.

## Сафарнома

# Ба шарофати истиқлол



**Юсуфи Понғозӣ**

Дар ин авохир бо ҳар роҳ нуқсонҳои сохти шӯравиро сарзанишу ошкор намудан ба ҳукми одат даромадааст. Маро низ баъзе воқеаҳо водор менамоянд, умумиятҳои зарарноки он давраро дар боби сайру сафар ба хориҷ аз хоки шӯроҳо ёдовар шавам. Солҳои шахспарастии сталинӣ тартиботи нонавиштаи «дарвозаҳои баста» амал мекарданд. Сафарҳои ҳатто ходимони сиёсию давлатӣ, баъзан пурсуҷӯи дуру дароз сурат мегирифт. Ба саёҳатҳои туристӣ инчунин на ҳар кас метавонист равад. Дар сафарҳо аз мулоқот бо хориҷиён худдорӣ мекарданд. Хориҷиён ҳам мулоқотро бо коммунистон бисёр хавфнок медонистанд. Ҳар як меҳмони хориҷиро «ҷосус» донистан одат буд, онҳо дар ҳама ҷо зери назорат буданд. Бо вуҷуди ин, рафтуои шаҳрвандони шӯравӣ бо маъмурияти корӣ ё мубодилаи сайёҳӣ, он ҳам бошад бештар ба мамолики сотсиалистии ба мо ҳамсояю «дӯст» бо маҳдудияти калон ба амал меомад. Бахри ба хориҷ фиристодан ҳар як фарди шӯравиро аз шаш моҳ то солҳои дароз органҳои бехатарии давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу тартибот, ҳизбиву шӯравӣ тафтиш мекарданд. Бисёр сайёҳон аз ҳуҷҷатпуркунию интизорӣ дилгир шуда, охирон аз бахри сафари хориҷа мебаромаданд.

Баъди солҳои шахспарастӣ, дар соҳаи убуру мурур сабукиҳо пайдо шуданд, чандин бор ба хориҷ аз хоки собиқ ИҶШС сафар насибам шуда буд. Дар соли дуюми муҳассили шӯъбаи шарқшиносии Донишгоҳи Давлатии Тошканд буданам барои коромӯзӣ (дурусташ бахри забономӯзӣ) ба Афғонистон тавсия карданд. Аз ҳамон вақт ҳуҷҷатпуркунӣ оғоз ёфт. Чаҳор саҳифа анкетаи шарҳи ҳолу кору зиндагию оила, тамоми ахбор то модару падару куҷо мадфан гардидани хешовандони наздик, қаду андом, ранги мӯю чашму пӯст ва ғайра дар 6 нусха... Расм барои шиносномаи хориҷӣ ба андозаи 4,5х4,5 сантиметр 24 адад, тарҷумаи сол — 6 нусха, маълумотномаи ҷои зиндагӣ, дар бораи саломатӣ ва аз ҳама муҳимаш характеристика низ шашнусхагӣ пур карда мешуд. Анкета ва тарҷумаи ҳол дастӣ пур карда мешуд. Шаш нусхаро як зайл пур кардан амрест маҳол. Ягон иштибоҳ роҳ ёбад, онро бояд аз нав менавиштед. Баъзан аз такрор дилсард шуда, сатрҳо паси ҳам мешуд, ё иштибоҳе роҳ ёфта, кор боз ҳафтаҳо кашол меёфт. Он вақт анкета маҷонӣ буд, вале дубора пурсидан хеле гаронтар тамом мешуд. Аз сабку салиқаи анкетапуркунӣ ва тарзи навиштани шарҳи ҳол мақомоти боло феълу атворатонро меомӯхтанд. Ин амал моро ба бехато навиштан водор менамуд. Гирифтани маълумотнома дар бораи саломатӣ низ осон набуд. Характеристика аввал дар маҷлиси якҷояи комитети (ташкилоти) партиявӣ, комсомолӣ, иттиҳодияи касабавӣ ва маъмурияти ҷои кор (таҳсил), мавриди муҳокима қарор ёфта, сонӣ тасдиқ мегардид. Баъд, онро комитети партиявии ноҳия тасдиқ менамуд. Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Ҷумҳурӣ низ тавсияашро навишта, ба Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ мефиристод. Баъди тасдиқу тавсия ба фалон мӯҳлат ба мамлакати мазкур характеристика имзою мӯҳрҳои зиёд мехӯрд. Баъди чандин моҳ дар КМҲКҶӮ ходими масъул дар атрофи як соат, ё бештар дар сӯҳбат боварибахшӣ, яккавлӣ, гражданини собиқи Ватан будани шуморо, аз назари сиёсӣ, идеологӣ пухта расиданатонро санҷида, фикрҳои «гаронбаҳои» худро дар бораи шаҳрванди Шӯравӣ дар хориҷа чигуна рафтор карданаш, дар бораи бисёр дигар чизҳо маслиҳатҳо медод. Сипас Шумо дар КМ ҲКИШ аз «сӯҳбат» мегузаштед. Аммо бояд гуфт, ки ба бисёриҳо ин ҷараён дар нимароҳ хотима мепазируфт. Ба тавсияшавандa шартҳои зиёде мемонданд. Мабодо шумо, ё аз наздиконатон касе суд шуда бошад, ё дар оила бо ҳамсаратон носоз бошед, ҳатто бо нақлиёт фалокате рух дода, ноҳақ ҳукм шуда бошед, ба шумо дигар гап намезаданд. Худо накарда ягон воқеаи барои Шумо он қадар аҳамияте надоштаро дар шарҳи ҳол зикр накарда монеду вақти тафтиш ошкор гардад, мақомоти дахлдор аз бойгониҳо буду шудатонро чаппаву роста карда, бо навиштаҳоятон муқоиса менамуданд, ягон бандаш дар навишт тафриқа намояд, кор тамом.

Барои сӯҳбатҳо ҳаматарафа тайёрӣ медидем. Саволҳоро тартиб дода, ба онҳо далерона, бедудилагӣ ва пурраю бурро тӯтивор ҷавоб гуфтан лозим буд. Тавсияшудагон то ба хориҷ рафтан аз сояи худ метарсиданд. Онҳо аз ситеза бо авбошон, майнӯшӣ худдорӣ менамуданд. Касе онҳоро ноҳақ дашном диҳад, сарзаниш кунад ҳам, худро канор мегирифтанд, то ки бо ҳаракати «нораво» ба шарҳи ҳоли худ доғ наафтонанд.

Ба даврони ҳукмронии Хрушчёв ва Брежнев омада, сиёсати «дарвозаҳои баста» камтар нармтар шуд, вале ҳамон аз элак гузарондан идома дошт. Горбачёв, сиёсати демократикونии ҷамъият, рӯшодгӯӣ, бозсозии ӯ ин дарвозаҳоро кушод гӯем, хато намешавад. Дар Пленуми апрелии соли 1985, Котиби Генералии КМ ҲКИШ давраи демократия ва бозсозиро эълон карда, бисёр камбудиҳои ҷойдошта, вазъиятро дар саросари мамлакат кушоду равшан ифшо намуд. Баъди пленум дар масъалаи сайёҳӣ, мусофират ба хориҷ аз мамлакат, душворию мушкилоти он оҳиста-оҳиста аз байн бардошта шуданд. Аллакай аз соли 1986 анкетаи сайёҳ як варақи нопурра шуда, дар ҷои кор тасдиқ гардад, басанда буд. Ҳатто режими паспорти хориҷа ҳам хеле сабук шуд. Пештар барои сафар беистисно ба кадом мамлакати хориҷа набошад, бояд паспорти хориҷа мегирифтед, ки ин ҳам хеле вақт мегирифт. Паспорти хориҷаро пеш аз сафар бар ивази паспорти шаҳрвандии шӯравӣ медоданду баъди бозгашт онро супурда боз шиносномаи худро мегирифтед. Соли 1986 ба кӯли Балатони Ҷумҳурии Маҷористон сафар кардам. Ҳамон сол саёҳат ба ҳамаи мамолики сотсиалистӣ бо паспорти шаҳрвандии Шӯравӣ оғоз ёфт. Намедонам ҳамон солҳо чи қадар вақти кору чандин тонна коғаз ва сӯҳбатҳои нодаркор сарфа шуда бошад? Аз ҳама муҳимаш чандин ҳазор торҳои асаб аз осеб эмин монд.

Бозсозӣ боиси ба куллӣ афзудани сайру саёҳатҳои хориҷ аз собиқ ҷамоҳири шӯравӣ гардид. Аммо сафарҳои корӣ, маъмурият ба хориҷ барои иштирок дар сохтмонҳои иншоотҳои калон, ки бо ёрии Иттиҳоди Шӯравӣ барпо мегардид, қатъан коҳиш ёфт. Зеро талаб ба технологияи қафомонда аз байн рафта буд.

Ба туфайли истиқлол дар Ӯзбекистон амали сайру сафари хориҷа тамоман тағйир ёфт. Шиносномаҳои нави ҷумҳурии мустақил интишор гардиданд. Онҳо назар ба паспортҳои шӯравӣ хеле бартариҳо доранд. Паспорти сабзранги Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар ҳамаи гӯшаю канораҳои курраи замин нағз мешиносанд. Он ҳам чун шиносномаи дохили мамлакат ва чун гузарнома (ҳуҷҷате, ки барои гузаштан аз сарҳад хизмат мекунад — яъне паспорти собиқи хориҷа) ба кор меояд. Агар собиқ ҳар дафъа паспорти хориҷӣ гирифтан ва иҷозаи ба фалон мамлакат сафар кардан қайд гардад, акнун ба гузарнома ҳоҷат намонд. Ба шиносномаи Ӯзбекистон як дафъа иҷозаи сафар ба мӯҳлати ду сол гиред, бас аст. Дар давоми ин мӯҳлат ба чандин мамлакат, ки дилатон хост, сафар карда метавонед. Мақомоти дахлдор, пас аз гузашти ин мӯҳлат раводидро (виза) муҷаддадон дароз мекунанд. Ин таҷрибаи Ӯзбекистон шоистаи омӯзиш аст. Зеро бисёр маблағ, вақт, материали гаронбаҳои ҳуҷҷати зарурӣ сарфа мегардад. Аз тарафи дигар паспорти Ӯзбекистон аз ба куҷоҳо сафар кардани соҳибаш маълумоти нисбатан (албатта дар натиҷаи сафарҳои бешумор саҳифаҳои шиноснома пур шуда, ба ивази он ниёз пайдо мешавад) пурра медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки ҳатто банди анкетаи сафари хориҷаро «дар давоми солҳои охир дар кадом мамлакатҳо будед?» аз байн бардошта шавад.

Инак, сайру сафари шаҳрвандони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ба хусус Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба хориҷ аз мамлакат торафт меафзуд. Ба шарофати бозсозӣ сафарҳои тиҷоратӣ ҳам пайдо шуданд. Одамон ба хориҷ баъзе молҳоро бурда, аз он ҷо дигар чизҳои дар мо камёфтро оварда мефурӯхтагӣ шуданд. Ин навъи саёҳат рӯз ба рӯз зиёд мешуд. Одамон аввал ба мамолики сотсиалистӣ, махсусан ба Полша (Лаҳистон) гурӯҳ- гурӯҳ мерафтагӣ шуданд. Туҷҷорон аввал аз Ӯзбекистон ба Маскав, аз он ҷо ба Варшава роҳ мегирифтанд. Ин роҳро ба воситаи роҳи оҳан тай мекарданд. Сонитар аз сарҳадҳои шӯравӣ, аниқтараш Руссия, Украина ва Белорусс автобуссавор мерафтагӣ шуданд. Ба туфайли истиқлоли Ӯзбекистон роҳ ба мамолики Шарқ — Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Аморати Муттаҳидаи Араб, Сурия, Туркия кушода шуд. Сафари муслимин бо тартиби оммавӣ ба хонаи Худо-Маккатуллоҳ бо сифати пештар гӯшнашунидаю чашмнадида авҷ гирифт. Ба Эрон ва ҳатто Туркия одамон ба воситаҳои рӯизаминии нақлиёт мерафтагӣ шуданд. Ба Ҳиндустон, Покистон, Сурия, Туркия, Индонезия, Чин ва дигар мамолик роҳҳои ҳавоӣ кушода шуданд ва тақозо мекарданд, ки хатҳои нав ба нав кушода шаванд. Ин тақозои замон, тақозои давр буд. Ин тақозо тақозои дигарро ба миён меовард. Ин ҳам бошад, барпо намудани ширкати миллии ҳавоии Ӯзбекистон.

Пеш аз ба мавзӯъи дигар гузаштан сӯҳбатро роҷеъ ба паспорти нави Ӯзбекистон ва баъзе дигар чизҳо идома доданиам. Паспорт маълум аст, ки калимаи хориҷӣ буда, мазмунаш шаҳодатномаи шахсист. мардум онро одиякак Шиноснома гӯянд. Масалан, дар Эрон ҳамин тавр меноманд, ки мазмунаш дар тоҷикӣ ҳам ҳамон аст. Эрониён барои тафриқа гузоштан байни паспорти шаҳрвандӣ ва паспорти хориҷа охириро гузарнома гӯянд, ки ин ҳам ба тамоми мардуми форсизабон, аз ҷумла тоҷикон аён аст. Гузарнома — ҳуҷҷатест, ки шахс аз марзи мамлакат маҳз онро нишон дода ба хоки мамлакати дигар қадам мегузорад. Дар он иҷозати сафари мамлакати худ ва иҷозати мамлакати муқобил қайд мегардад. Чуноне ки дар боло қайд кардем шиносномаи сабзи Ӯзбекистон имкон медиҳад, ки онро чи дар дохилаи мамлакат ва чи дар хориҷ истифода гардад. Паспорти хориҷа дар Ӯзбекистон танҳо ба шахсоне дода мешавад, ки ғайришаҳрванди Ӯзбекистонанду дар ин сарзамин муваққатан зиндагӣ мекунанд. Ба туфайли паспорти нав рафтуои сайёҳони ӯзбекистонӣ назар ба дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравию ИДМ-и ҳозира хеле зиёд аст гӯем, хато намешавад. Агар дар давраи шӯравӣ чандин бор ба Афғонистон, Эрон, Маҷористону Румонӣ сафар карда бошам, баъди истиқлоли Ӯзбекистон, ба шарофати мустақилӣ 4 маротиба ба Эрон, 4 бор ба Ҳиндустон ва ғайра ба саёҳат рафтам ва билохира имконияти ба мамлакатҳои мутараққии сармоядорӣ ҳам сафар кардан фароҳам гардид. Пештар Аврупоро дидан танҳо ба калоншавандаҳои ангуштшумор муяссар мегардид. Баъди истиқлол фарзандони одамони оддии ҷумҳуриамон ҳам чун вакили Ӯзбекистон дар хориҷа кор мекардагӣ шуданд. Аз ҳамин ҷумла писари калониам Алишер ёвари намояндаи «Ӯзбекистон ҳаво йўллари» дар Ҳулланд буду волидайнаш солҳои 1995 ва 1996 дар ин мамлакат шуда, фикрашон дар бораи коммунизм ва капитализми пӯсидаистода, интернатсионализми қаллобӣ ва ҳақиқӣ тағйир ёфт.

Алҳол дар Ӯзбекистон одамоне ҳастанд, ки қариб нисфи дунёро давр зада баромадаанд. Тоҷирон — савдогарони мо аз он ҳам бештар мамлакатҳоро мебинанд. Ба хориҷ рафтан барои онҳо кори рӯзмарра барин. Дар даври шӯроҳо калимаи савдогар мафҳуми манфӣ дошту муродифи ҷинояткор буд. Ҳоло бошад, ба кори савдои на танҳо дохилӣ, балки савдои берунӣ ҳам ба ҳама ҳуқуқҳои васеъ дода шудааст. Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷидду ҷаҳди ҳарчи бештар ба харҷ медиҳад, ки ба шаҳрвандони худ ҳарчи васеътар имконот фароҳам оварад. Воситаҳои рӯизаминии нақлиёт торафт афзуда, такмил меёбад. Аз 11 январи соли ҷорӣ рафтуои қаторҳои роҳи оҳан бояд Теҳронро бо Тошканд ва пойтахти Тоҷикистон зебошаҳр Душанбе мепайваст. Вале бо сабабҳои техникӣ то ба ҳол ҳаракати роҳи оҳан таъхир меёбад. Вале то охири соли ҷорӣ қатораи нахустин аз Теҳрон ба Тошканд меояду рафтуои мусофирон хеле сабук ва боркашонӣ арзон мешавад. Вале барои мусофирати мамолики дур воситаи ягонаи сайру сафар роҳи ҳавоист.

**(Давом дорад).**



Бахтибой Файзиев чандин сол ҳамчун сарчӯпони номдори ноҳияи Фориш кор кард. Ӯро ҳамчун инсони софдилу меҳнаткаш на фақат дар ноҳияи Фориш, балки берун аз вилояти Ҷиззах ҳам хуб мешиносанд.

Ҳоло ӯ ҳамчун раиси (оқсақолӣ) қишлоқи Порашт ба хурду калон маслиҳатгӯй аст. Хизматҳои чандинсолаашро ба инобат гирифта, ӯро бо нишони хотиравии «Ӯзбекистон мустақиллигининг 10 йиллиги» сарфароз гардониданд.

Мукофотро дар вазъияти мутантан ҳокими ноҳияи Фориш супорид.

**Дар сурат:** ҳангоми супоридани мукофот.

**Матн ва сурати Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.**

# Мусобиқаи аксҳо ва рақсҳо



Онҳое, ки барои муқоваи маҷаллаи «Перӣ» мубориза мебурданд, дар марҳалаи финалӣ дар назди ҳакамии зиёд ва боэътибор озмуда шуданд.

Дар марҳалаи охир аз садҳо духтарону ҷавонписарон даҳ нафар ширкат намуданд. Аз ҳафт нафар духтар ва се нафар писар, ки аксҳои онҳо дар озмуни довталабон барои муқоваи маҷаллаи мӯд «Перӣ» дар толори меҳмонхонаи «Интерконтинентал» дар ҳар гуна либосу манзара аккосӣ шуда, пешкаши бинандагон ва ҳайати ҳакам гардида буданд, якнафари бояд пирӯз мегаштанд, ки донишҷӯи Донишкадаи алоқаи Тошканд Ирина Инчина ва ҷавони тошкандӣ Эрнест Холмуҳамадов ба ин ҷоиза сазовор дониста шуданд.

Агарчи озмун мусобиқаи аксҳои онҳо буд, ҳайати ҳакам онҳоро аз лиҳози сухангӯӣ (русӣ ва англисӣ) ва як номери ҳунарӣ имтиҳон намуданд, ки аксари иштирокдорон ба рақси худ низ аз ин ҳунар бархурдори худро намоиш доданд.

**(Хабарнигори мо).**

# Кишвари ҳассоси Урупои Марказӣ

Аз шарикони хориҷии Узбекистон Ҷумҳурияти Украина ҳоло ҷои сеюмро ишғол менамоянд, ки ин соли ҷорӣ ба вуқӯъ пайваст. Украина дар ин муомилот бо ҷумҳурии мо пас аз Ҷумҳурияти Куриё ва Русия мавҷеи худро мустаҳкам менамояд.

Дар ин замина ва баъзе рӯйдодҳои муҳими ин кишвар сафири он дар Ӯзбекистон Анатолий Касяненко ба журналистон нақл намуд.

Украина ки соли оянда азми ба созмони ҷаҳонии бозаргонӣ дохил шуданро дорад, торафт ба Ӯзбекистон робитаҳои иқтисодии худро густариш медиҳад. Соли гузашта ин гардиши бозаргонӣ 332 млн. долларро ташкил намуда бошад, имсол дар ёздаҳ моҳ то ба 350 млн. доллар расидааст. Ба қавли А.Касяненко бештар аз 100 ҳуҷҷате, ки тарафайн ба имзо расидаанд, хуб татбиқи худро пайдо мекунад.

Сафир аз бобати ҳамкориҳои Украина бо Ӯзбекистон дар доираи ГУУАМ низ ҳарф зад ва зикр намуд, ки аз ин роҳ ҳаллунаҷли бор ба самти Урупо сол то сол меафзояд. Бо вуҷуди ин муҳим аст, ки кишварҳои Урупо ба ин даҳлези нақлиёти бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд, афзуд сафир.

Имрӯз мақоми Украина дар назди Иттиҳодияи Урупо боло рафтааст, ки ин барои ҷумҳурӣ дар ростои иқтисодӣ ва сиёсӣ нафъи зиёд мебахшад.

Тибқи Қонуни Асосии мамлакат 31 марти соли ҷорӣ интихоботи парлумонӣ ба Верховная Радаи Украина барпо мегардад, ки тибқи қонун ба он 450 нафар ҳам аз рӯи рӯйхати ҳизбӣ ва ҳам яккамандатӣ интихоб бояд шаванд, ки дар ҳаёти ҷумҳурӣ ҷиҳати амиқ гардондани ҷараёнҳои демократӣ мусоидат менамоянд. Украинаро дар минтақаҳои Урупои Марказӣ аз ҳассостарин кишварҳо маҳсуб мегардад, ки аз он ин ҷиҳат дар маркази диққат қарор дорад. Ва чӣ гуна барои президентиву мандатҳои парлумонӣ мубориза бурдани нируҳои сиёсии Украина барои аҳли сиёсат маълум аст. Аз ин рӯ ҳамеша талотуми сиёсии ин мамлакат боиси таваҷҷӯҳи созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷӣ мебошад, ки аллакай иштироки худро дар интихоботиояндаи парлумонӣ маълум намуданд.

**Т. ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



Аз хониши соли ҷорӣ дар ноҳияи Чуст Маркази «Соғлом авлод»-и шӯъбаи таълими халқи ноҳия ба фаъолият шурӯъ кард. Ҳоло дар ин ҷо якчанд маҳфил амал мекунад.

**Дар акс:** роҳбари маҳфили забони англисӣ **Амонхон ҲОМИДОВ** ҳини машғулият бо иштирокдорони маҳфил.

**Суратгир: А. МУРОДОВ.**

# Санъат даркушои бахту омад



«Сеҳргарӣ» ҳунарест, ки тамошобинро беихтиёр ба олами афсонаҳо мебарад. Ин ҳунар бо тавассути «оинаи нилгун» низ намоиш дода шавад, бинандаро мутаваҷҷеҳ месозад.

Абдуллоев мегӯяд: «Тасхир намудани дили санъаткор ҳадафи ниҳоят ман аст. Вале ин на ҳамеша ба осонӣ муяссар мегардад. Баъзеҳо ҳунарамро сахл мепиндораанд, бархе ангушти ҳайрат мегазанд.

Барои ба даст овардани қалби нозуки тамошобинон на фақат ман, балки ҳар як санъаткор, ки дар ҷодаи санъат арақи ҷабин мерезад, аз тахти дил бояд ҳаракат кунад, хушбахтии халқро бахти худ ҳисобад.

Олами сиркро аксарият тамошогоҳи хурдтаракон меҳисобанд, ки он қадар дуруст нест. Солхӯрдагон низ метавонанд аз дидани санъати ҳунармандони ин соҳа ғизои маънавӣ бардоранд.

Санъаткорони ин соҳаро метавон пайвандгари халқҳо ва мамлакатҳо номид. Онҳо дар хориҷа ҳунари миллии як мамлакатро нишон медиҳанд ва аз кишварҳои дуру наздик, санъати дигар халқҳоро бо худ меоваранд.

Ман дар Арабистон, Корея, Фаластин, Қуддус, Малайзия, Африка ва дигар мамлакатҳо ҳунарнамоӣ кардаам. Ҳарчанд забони ҳамдигар нафаҳмем, бо чашмони пур аз меҳру табассуми латиф мамнунии хешро изҳор мекунанд. Хориҷиёнро бештар мусиқиву либосҳои миллии мо ба шавқ меоварад.

Баъди намоиши ҳунар дар кӯчаҳои мамлакатҳои хориҷа сайр мекунем. Бо вуҷуди он ки гулгашту иморатҳояшон ба назар зебо менамоянд, ба гӯмонам, ягон гӯшаи дунё мисли Ӯзбекистон зебо нест.

Бале, ҷустуҷӯ дар роҳи санъат Акмал Абдуллоевро низ то остонаи мурод бурд. Дар ин ҷода ӯ шикастаҳо дид, аз устодон гирумон омӯхт.

Ӯ дар Малайзия бо Принс Алӣ, дар Хитой бо Мистр Юн, дар Фаластин бо Зухер Ханфар ва дар Маскав бо Писаренкоҳо ҳамкорӣ карда аз онҳо асрори ҳунар омӯхтааст. Бахусус Абдуллоев кӯмакҳои беғаразонаи устодаш Писаренкоро ҳеҷ фаромӯш намекунад.

Роҳи ҳаёти Акмал ака мисли роҳи ҳунараш ҳамвор набуд. Соли 1979 дар Афғонистон хизмат кард, ярадор шуд, сахтиҳои ҷанги афғон барои ба сахтиҳои зиндагӣ истодагарӣ карданро омӯхт, меҳри Ватанро дар дилаш аниқтар ҷо намуд.

Имрӯзҳо беш аз дигарон мехоҳад, ки дар Афғонистон сулҳ пирӯз гардад, хуни бегуноҳон дигар нарезад.

Ҳунарвар мегӯяд: «Тез - тез дар шаҳрҳои гуногуни Тоҷикистон меҳмон мешавам. Чанде пеш аз шаҳри Хуҷанд баргаштам. Меҳмоннавозии тоҷикон маро писанд омад.

Хеле мамнунам, ки дар осмони беғубори Тоҷикистон кабӯтари сулҳ болу пар мезанад». Сулҳу салоҳ бешубҳа гарави пешрафти иқтисодӣ ва маънавист. Санъаткор низ ба сулҳу оштӣ ва рафоқату дӯстӣ ниёз дорад.

Санъат оламест пурасрор, пайвандкунандаи меҳр, чароғест равшанкунандаи қалбу хирад. Сайр кардан дар олами санъат баҳри инсон олам — олам завқ мебахшад.

Имрӯзҳо дар ҷумҳурии соҳибистиқлоламон эътибор ба санъат пурзӯр аст. Мухлисони санъат рӯз то рӯз меафзоянд. Баробари санъати овозхониву тасвирӣ, санъати сирк низ дар мамлактамон ривоҷ меёбад ва ҳаводоронаш зиёд мешаванд.

Акмал Абдуллоев солҳои зиёд аст, ки бо ҳунари «сеҳргарӣ» сари кор дорад, мухлисонаш ҳам кам нестанд.

**Рофеъ НОРМАТОВ.**

# Лаззати дидор

Лоиқ Шералӣ аз аввали солҳои шастум ба майдони адабиёт на бо шӯру валвала, на бо исёну туғён, балки хеле нарму гарм, гуворову маҳрамона ворид гашт бо пайроҳаи худ. Ашъори ӯ гӯё нидои зиндагӣ, нидои нозуки қалби одамон буд. Ин аст, ки мардум ба ҳар дарди худ давое, ба ҳар оҳи худ акси садое аз шеъри Лоиқ мекофтанду меёфтанд. Ӯ ба оҳистагӣ бо шеъри маҳинаш мулки дилҳо мегирифт, ки ин ба ҳар шоир насиб намегардид. Охир, баъди ин қадр ниёгони бузургаш, баъди ин қадр пайғомбарони шеърияти форс-тоҷик барои дигаре дар қалби мардум ҷой намонда буд гӯё. Вале шеърияти Лоиқ аз гӯшаҳои хилвати дили хонанда мулк ёфт.

Ба оҳистагӣ волаву шефтан шеъри Лоиқ мегаштам. Охир, вай ҳамсафони баробарвазн низ дошт: Мӯъминшоҳ бо «Суруши Сталинград» ба худ ҳайкал гузошт, «Забони модарӣ» барои Бозор ҳуҷҷати адабиёт гашта буд, Гулрухсор дар таърихи адабиёти сеҳазорсолаи тоҷик, бемуболиға беҳтарин шоира шинохта шуда буд. Вале ашъори Лоиқ тирукамони ҳафтранги баҳоронро мемонд дар назарам.

Бо шеъри Лоиқ ҷоми Хайём дигарбора ба гардиш омад, Фирдавсӣ сар аз хок бардошт, орифе бо номи Мавлавӣ сайри гулзори мулки сухан мекард, Саъдӣ бо забони Камол таронаи ишқ месуруд, Модар тарозуи худро ёфт, ҳақ надоштам, ки шеъри Лоиқро дӯст надорам, ноилоҷ будам... Дар тӯю сур, рӯзи мусибату мотам, дар ҳалқаҳои маърифатпарастон — дар ҳама ҷо базми сухан аз шеъри Лоиқ гармӣ мегирифт, метафсид, вай бар қалби мардум ҳарорат, ба вуҷудҳо ҳаловат мебахшид. Ягон пайроҳаю тангнои зиндагӣ набуд, ки ҳарфи Лоиқ раҳ накушода бошад. Басо ҳаловатхезу шодирез, сурурангезу таскинзо буданд ашъори ӯ.

Орзӯи дидори Лоиқ пайдо гашт маро ва ин орзу охир раҳ сӯи Душанбешаҳр бурдам.

Хонаи иттифоқи нависандагон. Ҳаммактабам, ҳамдеҳаам, дӯсти бачагиам, нависандаи чирадаст Саттор Турсун он ҷо чун ҷонишини сардабири маҷаллаи «Садои Шарқ» адои вазифа менамуд. Муҳаррир — Лоиқ Шералӣ.

Дари утоқи кории Саттор кушудам, бо нидои шодмонӣ гарм истиқболу нарм дар оғӯш гирифт, хайра мақдам гуфт. Дар анҷоми сӯҳбат мақсади сафар пурсид. Гуфтам, ки ба умеди дидори Лоиқ омадаам, роҳбарам бошад. Гуфт, ки шеъри шоир хуштар аз рӯи шоир...

Изни даромадан пурсидам. Дар пешгаҳи хона паси мизҳои тешакл палто дар китф, сар байни ду даст, қалам байни ангуштон ғарқи андеша буд. «Марҳамат» гуфту сар сӯи китоби ғафси рӯи миз хам карда, ғарқи олами андешаи худ гашт боз. Чанд сония моту мабҳут рост истодам, ҳиссиёти гуворое маро ба олами бехудӣ бурда буд. Беистиҳола рост рафтаму аз болои дастонаш баногӯши ӯро сахт дошта, аз рухсораҳояш бо ҳирс бӯсидаму ба яке аз мизҳои канори хона рафта нишастам. Чашм аз ӯ намекандам, донаҳои беолоиши марворид паси ҳам хонаи чашмонам тарк мегуфтанд.

Шоир бо таҳайюр сӯям нигаристу ноаён сар ҷунбонд, шояд гумон бурд, ки марди девонаавзоеам, чашм бар ҳам назада, сӯяш менигаристам. Оқибат ӯ низ ба худ омаду хизмат пурсиду мақсад. Гуфтам, ки мақсадам амалӣ гашту хизмате нест ва ҳамин мақсад маро аз Бойсун ин ҷо овардааст. Табассуми ноаёни ширине гирди лабонаш дамид: шояд пурсиданӣ буд, ки хизмат набошад, боиси ин «ташриф» чист. Ба нигоҳи саволомези ӯ посух додам, ки маро мурод солҳо боз лаззати дидори Шумо буд ва инак домани ин мурод дар дастам. Вале орзуи дигаре дорам: дар ҷойҳои мо дар қабристон, сари қабри марҳумон сураи «Таборак» мехонанду омин мегӯянд. Гӯё вай илтиҷономаи бандагон аст ба даргоҳи олишон, то ба ҳоли ин банда тараҳҳуме намояд. Ман бошам, орзу дорам, ки сари қабрам шеъре аз шумо хонанду омин гӯянд.

Лоиқ филфавр аз ҷо хест, палто рӯи курсӣ гузошт носолор қадам зада омаду сахт ба оғӯш гирифт, часпону ширадор бӯсид.

Ӯ бозгашта ба ҷояш нишаст, бо табассуми малеҳ сӯям менигарист ва баъди лаҳзае гуфт:

— Маро хеле сарфароз доштед. Шояд ба ягон шоир ягон вақт хонандааш чунин сухан нагуфта бошад. Ин ҳарфи шуморо, албатта, дар ягон шеърам истифода хоҳам бурд. Мебинам, ки марди шоиртабъ менамоеду аз адабиёт огаҳие доред. Агар шеърҳое доред бо худ, бидиҳед, бинем, шояд дар маҷаллаамон ҷой диҳем. Лоиқи назари Лоиқ чизе бо худ набурда будам. Кисса кофтам, тасодуфан мусаввадаи ғазале баромад. Ӯ ба мусаввадаи ман нукта нагирифт, қалам назад, таҳрир накард. Ин ғазал бетаҳрир ба дасти чоп расид. Ӯ дар охир гуфт, ки боз биёям, навиштаҳои худро ҳамроҳ биёрам. Вале ман шеъргунаҳоямро лоиқи назари баланди ӯ надидам...

Ҳамроҳи аҳли хонадон дар айвони хона чой менӯшидем. Аз радиои Тоҷикистон овози ҳазину мусибатбори мусиқӣ садо дод. Бо хавоси парешон гӯшу ҳуш шудам. Радио иттилоъ дод, ки фарзанди обрӯманди тоҷик, аламбардори шеъри кунунӣ, шоири бузургу дарёдил Лоиқ Шералӣ олами рӯшанро тарк гуфт...

Пиёла аз дастам афтоду бо чойник зада пора гашт, гӯё вай пиёла набуд, ҷоми Хайём буд. Шоире, ки

*Дилам метаркад аз андӯҳи сангин,*
*Чу андешам, ки рӯзе боядам рафт.*

Гуфтааст, бебозгашт рафта буд...

Лоиқ дар адабиёти тоҷик ҷои Лоиқе ба худ ёфта рафт, ӯ ба худ зиндагии абадӣ бахшидааст, вале бисёр мехостам, ки вай ҷисман ҳам наравад. Вале чӣ илоҷ, кори гардуни филкушу мушпарвар чунин аст:

*Ҷавонмарганд мардони ҳунарманд,*
*Валекин нокасон садсола миранд.*

Меандешидам, ки оё модари тоҷик бори дигар Лоиқе ба дунё ҳадя менамояд? Сари дастурхон сураи «Таборак» хонда, байтуссониаш маъмур хостам ва аз яздони пок илтиҷо кардам, ки миллати тоҷикро Лоиқе дигар ато кунад.

*Ин дафтари шеъру ғазал чун ман намирад аз аҷал,*
*Рав, чархи гардунро бигӯ, Лоиқ видоят карду рафт.*

**Равшани ЭҲСОН.**

